# СУРАТҶАЛАСАИ №37

чаласаи шӯрои диссертатсионии 6D КОА-027 назди МДТ
"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров"
**аз 04 сентябри соли 2021**

Ҳайати шӯрои диссертатсионӣ иборат
аз 15 нафар тасдиқ шудааст.

**Иштирок доштанд:** Раиси шӯро -Шаропов Ш.А., муовини раис - Сабурӣ Х.М., котиби илмӣ - Бобоева С.Б., аъзоён: Абдуллоева М.А., Азизов А.А., Азимова Н.С., Аминҷонова М.С., Исломов О.А., Ишматова Ш.А., Файзиев И.Д., Ҳамробоев Н.А., Хоҷаева М.Ҷ., Шарифов Э.

**РӮЗНОМА**

Оид ба иваз намудани муқарризи расмии диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна ва муайян кардани санаи нави ҳимоя дар мувофиқа бо Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (мактуби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2021, №436)

**ШУНИДА ШУД:** Аз рӯйи масъалаи рӯзномаи ҷаласа ахбори раиси шӯрои диссертатсионӣ, д.и.п., профессор Шаропов Ш.А. шунида шуд. Мавсуф қайд намуд, ки аз сабаби фавти узви шӯро д.и.п. Шарипов Фаридун Файзуллоевич, ки ба диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна ба ҳайси муқарризи расмӣ тасдиқ гардида буд, мо ба КОА барои иҷозат додан барои иваз намудани муқарризи расмӣ муроҷиат карда будем (№01/11453 аз 26.08.2021с.). Дархостномаи шӯро дар Комиссия мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин хусус ҷавоби расмии Комиссия ворид гардидааст (мактуби КОА аз 31 августи соли 2021, №436). Тибқи он Комиссия дастур додааст, ки диссертатсияи Бобоева Гулбаҳор Шарифовна аз нав мавриди баррасии шӯро қарор дода шуда, муқарризи расмӣ тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таъйин карда шавад ва эълони санаи ҳимояи диссертатсия аз нав дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

Доир ба ин масъала муовини раиси шӯро профессор Х.М.Сабурӣ баромад намуда, пешниҳод намуд, ки иҷозати Комиссияро ҷиҳати иваз кардани муқарризи расмӣ ба назар гирифта, бинобар фавти муқаррizи

расмӣ, д.и.п. Шарипов Фаридун Файзуллоевич ба ҳайси муқарризи расмӣ Мирализода Абдусалом Мустафо - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ пешбарӣ карда шуда, санаи нави ҳимоя 16.12.2021с. таъйин карда шавад.

Доир ба ин масъала узви шӯро профессорон Исломов О.А., Азизов А.А. баромад карда, пешниҳоди муовини раиси шӯро профессор Х.М.Сабуриро дастгирӣ намуданд. Ҳамин тариқ,

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. **Муқарризони расмӣ Мирализода Абдусалом Мустафо** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ таъйин карда шавад.

2. **Санаи** эҳтимолии ҳимоя **“24” декабри соли 2021** тайин гардад;

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур чунин аст: тарафдор -13, зид -нест, бетараф – нест.

**Раиси шӯрои диссертатсионӣ,**
**д.и.п., профессор** **Шаропов Ш.А.**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**н.и.п., дотсент** **Бобоева С. Б.**